**Тақризи** муқарризи расмӣ

ба диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010600 – Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 – Назария ва методикаи таълими мусиқӣ)

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда. Диссертатсияи пешниҳодшуда дар мавзуи "Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули фарҳанги мусиқӣ - эстетикии хонандагон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010600 – Таҳсилоти мусиқӣ, (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) бо шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

Рисолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами илми педагогикаи муосир – такмили ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагон бахшида шудааст. Дар шароити ислоҳоти фарогири низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузариш ба стандартҳои нави таҳсилот, таҳкими тарбияи маънавию эстетикӣ ва рушди салоҳиятҳои фарҳангии хонандагон, омӯзиши илмии ин масъала аҳамияти махсуси назариявӣ ва амалиро касб менамояд.

Муаллиф масъалаи таҳқиқотро дар робитаи зич бо сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва фарҳанг, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди соҳа баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки тарбияи мусиқию зебопарастӣ на танҳо ҷузъи тарбияи фарҳангӣ, балки омили муҳимми ташаккули шахсияти ҳаматарафа рушдёфта мебошад. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуъ саривақтӣ, зарурӣ ва ҷавобгӯйи ниёзҳои амалии низоми таҳсилоти миллӣ арзёбӣ мегардад.

Мубрамияти таҳқиқоти интихобнамудаи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин ба таври муфассал ва далелнок асоснок шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ, тағйирёбии арзишҳои маънавӣ ва таъсири муҳити иттилоотӣ, танҳо нақши муассисаи таълимӣ барои ташаккули завқи эстетикӣ ва фарҳанги мусиқии хонандагон кофӣ нест. Маҳз ҳамкории муассири муассисаи таълимӣ ва оила метавонад муҳити ягонаи тарбиявиро фароҳам оварад, ки дар он кӯдак арзишҳои зебоишиносӣ, ахлоқӣ ва миллиро амиқ дарк намояд.

Бо дарназардошти андешаҳои зикршуда, дар робита бо мавзуи таҳқиқот ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи миллии тарбия ва барномаҳои давлатии рушди фарҳанг ва мусиқӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Чунин муносибат аҳамияти иҷтимоӣ ва давлатӣ доштани таҳқиқоти мазкурро боз ҳам тақвият бахшидааст.

Муаллиф дар бахши дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ба таҳлили васеи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ таваҷҷуҳ намудааст. Аз ҷумла, саҳми олимони тоҷик ва хориҷӣ дар соҳаи тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ, педагогикаи мусиқӣ, педагогикаи оилавӣ ва психологияи тарбия ҳамаҷониба баррасӣ гардидааст. Муаллиф муайян кардааст, ки гарчанде масъалаҳои тарбияи эстетикӣ ва мусиқӣ дар таҳқиқотҳои гуногуни илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта шуда бошанд ҳам, аммо ҷанбаҳои ҳамкории бонизом ва мақсадноки муассисаи таълимӣ ва оила дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд. Чунин хулоса мантиқан асоснок буда, зарурати таҳқиқоти мазкурро низ тасдиқ менамояд.

Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқот ба равишҳои системавӣ, фарҳангӣ, аксиологӣ ва салоҳиятнокӣ такя мекунад, ки ба талаботи илмии муосир ҷавобгӯ мебошанд. Интихоби чунин равишҳо имкон медиҳад, ки масъалаи таҳқиқот дар робитаи мутақобилаи омилҳои педагогӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ баррасӣ гардад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло муҳаққиқ **мақсади таҳқиқоти мазкурро** дар баррасӣ ва асоснок намудани шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон дониста, онро ба таври дақиқ ва равшан муайян намудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот** мантиқан аз мақсад бармеоянд ва тамоми ҷанбаҳои асосии масъалаи мавриди омӯзишро фаро мегиранд.

Объект ва мавзуи таҳқиқот дуруст интихоб шуда, ба доираи ихтисоси илмии пешниҳодгардида мувофиқат мекунанд. Барои ба мақсади таҳқиқот ноил гардидани муҳаққиқ ба иҷрои вазифаҳои гузошташуда, амиқу дурустӣ, муайянсозӣ ва интихоби асосҳои методологию назариявӣ, сарчашмаҳои маълумоту адабиёти истифодашаванда, махсусан методҳои назариявию амалии кори таҳқиқотӣ, интихоби пойгоҳи кори таҳқиқотӣ мусоидат намудаанд.

**Фарзияи таҳқиқот** асоснок буда, дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ санҷида шудааст.

Муаллиф дар таҳқиқот маҷмуи васеи методҳои илмиро истифода бурдааст, аз ҷумла, таҳлили адабиёт, мушоҳида, суҳбат, пурсишнома, таҷрибаи педагогӣ, арзёбӣ ва таҳлили натиҷаҳо. Заминаи эмпирикии таҳқиқот муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муҳити оилавиро дар бар гирифта, шумораи иштирокчиён барои баровардани хулосаҳои илмӣ кофӣ арзёбӣ мегардад.

Ташкили корҳои таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки муаллиф малакаҳои хуби таҳқиқотӣ дошта, метавонад усулҳои илмиро дар амал татбиқ намояд. Натиҷаҳои бадастомада бо маълумоти таҷрибавӣ тасдиқ шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** низ равшан баён гардида, аз ҷумла дар муайян намудани шартҳои педагогии самараноки ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила, таҳияи роҳҳо ва усулҳои мувофиқи ташаккули фарҳанги мусиқию зебопарастӣ ва асоснок намудани нақши муҳити оилавӣ дар рушди завқи мусиқии хонандагон ифода меёбад. Муаллиф нишон медиҳад, ки истифодаи усулҳои фаъоли таълим, фаъолиятҳои муштарак ва ҷалби фаъоли волидон метавонад самаранокии тарбияи мусиқӣ-эстетикиро ба таври назаррас баланд бардорад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот**ро муаллиф дар васеъ намудани ақидаҳои илмӣ дар бораи эҳтиёҷоти фарҳанги мусиқию зебопарастӣ ва хусусиятҳои ташаккули онҳо дар хонандагони муассисаҳои таълимӣ дониста, онро ҳамчун маҷмуи аслии мукаммали равишҳои фарҳангӣ, барои омӯзиши масъалаҳои ташаккули дарсҳои мусиқӣ, таъмини дурустии ташаккули он ва фароҳам овардани имконият барои ноил шудан ба ҳадафи омӯзиш дарҷ кардааст.

Аҳамияти амалии кор дар он аст, ки тавсияҳои илмӣ-методии пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти амалии омӯзгорони мусиқӣ, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, кормандони соҳаи маориф ва волидон васеъ истифода гарданд. Ин ҷанба барои низоми таҳсилоти умумӣ, иловагӣ, барои шуъбаҳои маориф ва фарҳанг ва дигар муассисаҳои таълимию тарбиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳамияти махсус мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқоти мазкур аз санҷиши натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ, баромадҳо дар конфронсҳои илмӣ - амалии байналмилалӣ, иштирок дар семинарҳои илмӣ – амалӣ, чопи мақолаҳо дар нашрияҳои маводи илмӣ-таҳқиқотӣ, инчунин ҳангоми истифодаи маводди омӯзишӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе иборат мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт иборат буда, муҳтавои рисола дар 171 саҳифаи ҳуруфчинии компютерӣ баён карда шудааст. Дар матни рисола 11 - ҷадвал, 3 - расм, 2 -амсила ва 4 - диаграмма мавҷуд аст. Феҳрести адабиёт 169 номгӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва илмию методиро дар бар мегирад.

Боби якуми рисола, ки "**Тарбияи эстетикӣ ҳамчун самти афзалиятноки таҳсилоти мусиқӣ**" ном дорад, се масъалаи муҳими мавзуи мазкурро дар се зербоб дар бар мегирад. Ҳадафи асосӣ асосноккунии назариявӣ ва методологӣ оид ба тарбияи эстетикӣ ҳамчун самти афзалиятноки таҳсилоти мусиқӣ буда, дар он моҳият ва нақши фарҳанги миллӣ, мусиқии касбӣ, муассисаҳои самти санаъту фарҳанг ва ташаккули он дар даврони истиқлолият таҳлил гардида, асосҳои назариявии ташаккулёбӣ ва хусусиятҳои рушди тарбияи мусиқӣ-эстетикии ханонадагон баррасӣ гардидаанд. Ҳамзамон, таърихи фарҳанги мусиқии ниёгони миллати тоҷик мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар ин боб, иқтибос аз таваҷҷуҳи хосаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони Истиқлолият ба соҳаи фарҳанг, маориф, бахусус ба таълими суруд ва мусиқӣ, тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ ва зебоипарастӣ дар муассисаҳои таълимӣ оварда шуда, қонунҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт баррасӣ гардидааст.

Муаллиф дар зербандҳои боби якум доир ба раванди ташаккули таҳсилоти мусиқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият ва аҳамияти таҳқиқоти назариявӣ ва методӣ дар ташаккули мусиқию зебопарастӣ ибрози ақида намуда, хулоса менамояд, ки ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар пешрафти тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон шарти муҳим ба ҳисоб рафта, барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот, вазифаи оила ва муассисаи таълимиро чунин таъкид намудааст:

- он имкон медиҳад, ки гунаҳои амалӣ гардондани таълими мусиқӣ дар тарбияи оилавии хонанда фарқ карда шавад;

- ба инъикоси ҳамаҷонибаи амалҳои имконпазири оилавӣ оид ба татбиқи вазифаҳои таълими мусиқии хонанда мусоидат намуда, ба ин васила ислоҳи нобаробарии сунъии соҳаҳои таълими умумӣ ва иловагии мусиқӣ мусоидат мекунад.

Дар натиҷаи раванди омӯзиши кофии тарбияи бошууронаи мусиқӣ, диққати бештар ба омӯзиши хусусиятҳои татбиқи шартҳои педагогии мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон нигаронида шудааст. Натиҷаҳои ҷустуҷӯи назариявӣ ва таҷрибавӣ нишон додааст, ки ин майлу хоҳиши волидонро барои ҳалли доираи васеъи масъала инъикос

менамояд. Масъалаҳои таълиму тарбия ва инкишофи онҳо бо роҳи таълими мусиқии фарзандонашон ифшо дода мешавад.

Боби дуюм **“Унсурҳои муҳими раванди таълим ва тарбия”**-ро фаро гирифта, доир ба принсипи истифодаи методҳои хос, маҳорату малакаҳои омӯзгори ояндаи мусиқӣ ва тарбия ва тайёр намудани наслҳои оянда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Дар зербоби аввали ин боб, ки ба мавзуи “Муҳити таълимии мактабӣ: нақши омӯзгори мусиқӣ дар рушди фарҳанги мусиқӣ - эстетикӣ” бахшида шудааст, сухан дар бораи малакаи баланди дарсгузории омӯзгори суруд ва мусиқӣ вобаста ба таълиму тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон муассисаҳои таҳсилоти умумӣ меравад.

Мавриди кор довталаб Шарофидинзод Муслиҳиддин қайд менамояд, ки хусусиятҳои хоси касбии омӯзгори мусиқӣ дар он аст, ки ҳангоми фаъолият дар муассисаи таълимӣ аз донишҳои тахассусӣ ва педагогӣ дар ҳамбастагӣ истифода намудан зарур мебошад. Ҳама намудҳои фаъолият ва шаклҳои кор дар муассисаи таълимӣ, дарсҳои мусиқӣ ва чорабиниҳои гуногуни беруназсинфӣ ва берун аз муассисаи таълимӣ аз омӯзгор на танҳо маҳорат ва малакаи мусиқидонӣ, балки пеш аз ҳама ҳамкорӣ бо волидон, дониш ва маҳорати баланди педагогиро низ талаб мекунад.

Муаллиф иброз менамояд, ки омӯзгорон дар дарси мусиқӣ, пеш аз ҳама бояд дараҷаи фаҳмиш, нафосат, фикр ва ҳиссиёти хонандагонро ба назар гиранд. Ҳадафи асосии дарси мусиқӣ қабл аз ҳама тарбияи ҳаматарафаи инсон ба ҳисоб меравад. Дарси мусиқӣ хонандагонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, инсони комил, ахлоқи ҳамида, виҷдони пок, инсони ғамхору ватандӯст тарбия менамояд. Инчунин, ибрози ақида намудааст, ки нақши оиларо ҳамчун як ниҳоди бунёдии иҷтимоӣ, ки рушди мусиқӣ ва тарбияи эстетикии хонандагони синфҳои ибтидоиро муайян мекунад, мавриди баррасӣ қарор додааст. Он ба таҳқиқоти муосир такя намуда, вобастагии рушди мусиқӣ-эстетикии кӯдакро ба хусусиятҳои муҳити оилавӣ таъкид мекунад, мушкилотро дар ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ муайян мекунад ва самтҳои такмили таълими мусиқиро тавассути ҳамкории омӯзгорон ва волидон муайян мекунад.

Муаллиф мавқеи оиларо дар бораи тарбияи мусиқии фарзанд ва муваффақияти он дар раванди таълими мусиқӣ аввалиндараҷа меҳисобад. Бинобар ин, ба даст овардани донишҳои илмӣ дар бораи тарбия кардани паҳлуҳои гуногуни мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муҳити оилавӣ ва нақши онҳо дар тарбия намудани мусиқии бо фарогирии масъалаҳои мусиқии муосир, сабабҳо ва захираҳои ҳалли онҳо ба

хусусиятҳои тарбияи сатҳи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила ва таҳлили таҷрибаи таърихии тарбияи оилавӣ вобастагӣ дорад.

Аз нигоҳи муаллиф нақши оиларо ҳамчун як ниҳоди бунёдии иҷтимоӣ, ки рушди мусиқӣ ва тарбияи зебопарастии хонандагони синфҳои ибтидоиро муайян мекунад, мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Он ба таҳқиқоти муосир такя намуда, вобастагии инкишофи мусиқӣ ва эстетикии кӯдакро ба хусусиятҳои муҳити оилавӣ таъкид мекунад, мушкилотро дар ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ муайян мекунад ва самтҳои такмили таълими мусиқиро тавассути ҳамкории омӯзгорон ва волидон муайян мекунад.

Дар боби сеюми рисолаи илмӣ "**Ҳамкории мактаб ва оила ҳамчун асоси ташаккули фарҳанги мусиқӣ - эстетикии хонандагон**" доир ба ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила ҳамчун асоси ташаккули фарҳанги мусиқию зебопарастии хонандагон ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ, муайян кардани шаклҳо ва методҳои самараноки ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар тарбияи мусиқию зебопарастӣ, ки ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак ва нерӯи эҷодиаш мусоидат мекунад, маълумоти пурра додааст.

Муаллиф дар зербоби якуми боби сеюм якчанд шаклҳо ва воситаҳои маъмултарини алоқамандии оила ва раванди таълимро муайян намудааст. Аз ҷумла, машваратҳо ва маҷлисҳои волидон, чорабиниҳои муштарак, фаъолияти лоиҳавӣ, истифодаи технологияҳои муосир, шунавоии мусиқӣ, шинос шудан ба созҳои мусиқӣ, сурудан бо ҳамовозии созҳои мусиқӣ, бозӣ, рақс, дарсҳои иловагӣ оварда мешаванд, ки ба рушди қобилиятҳои мусиқӣ - эҷодии хонандагон мусоидат намуда, таъсири мусбат мерасонанд.

Инчунин, зикр менамояд, ки шаклҳои ташкили фаъолияти амалии мусиқӣ, ки маҳз ба инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии хонандагон мусоидат менамояд, тарбияи сифатҳои ахлоқӣ, ҳисси идроки зебоӣ, майлу рағбати эҷодкорӣ дар машғулиятҳои мусиқӣ таъмин гардида, дар онҳо замина барои иштирок дар фаъолиятҳои дигари мустақилона гузошта мешавад.

Дар зербоби дувуми боби сеюм натиҷаҳои фаъолияти таҳқиқотӣ тавсиф дода шудаанд. Муаллиф дар таҳқиқоти ташхисӣ вобаста ба марҳилаҳои муайянкунӣ ва тарҳрезӣ ба натиҷаҳои зерин ноил гардидааст.

- интихоби усулҳои ташхис ва муайян кардани сатҳи дарки мусиқию зебопарастии хонандагон, таҳлили мушкилот (марҳилаи муайянкунӣ);

- таҳия ва татбиқи силсилаи дарсҳо, ки ба рушди дарки мусиқию зебопарастӣ дар ҳаракати рақс (марҳилаи тарҳрезӣ).

- эҳсосот ба тасвирҳои мусиқию зебопарастӣ дар фарҳанг;

- қобилияти баҳодиҳии арзишӣ дар асоси фаҳмиши воситаҳои ифодаи бадеӣ;

- ифодаи мусиқию зебопарастӣ дар фаъолияти эҷодии хонанда.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот хулоса гардида, бо назардошти пешниҳодот ҷамъбаст гардидаанд.

Дар хулосаи умумӣ муаллиф қайд менамояд, ки ҳамкории муассисаи таълимӣ ва аҳли оила ташаккули сатҳи баланди дарки мусиқӣ, ҷаҳонбинии хонандагонро васеъ намуда, имкон медиҳад, ки дараҷаи маҳорату малакаҳои эҷодӣ ва иҷрокунандагии онҳо хеле баланд бардошта шавад, қобилияти мусиқии онҳо инкишоф дода шавад. Ҳар як намуди фаъолияти мусиқӣ, ки дар дарс-консерт барои хонавода ва омӯзгор гузаронида шуд, хусусиятҳои ба худ хос дорад, азхудкунии хонандагонро бо он усулҳои фаъолият дар бар гирифта,  ба ташаккули онҳо як ҷаҳон таъсир расонад.

Муаллиф дар натиҷаи таҳлили адабиёти педагогӣ, психологӣ, методӣ, санъатшиносӣ иброз менамояд, ки ташаккули дарки мусиқии хонандагон вазифаи таъхирнопазири амалияи на танҳо омӯзгор, балки волидайн ва таҳсилоти иловагӣ мебошад. Ташаккули тафаккури хонанда бо фарҳанг, санъат ва махсусан, бо дарси суруд ва мусиқӣ зич алоқаманд аст. Маҳз дарсҳои мусиқӣ ва усулҳои таълимии истифодашаванда ба ташаккули дарки мусиқии хонандагон дар иҷро, импровизатсия, таҳлил ва мулоҳиза оид ба мусиқӣ мусоидат мекунанд.

Натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст, ки дар маҷмуъ 25 - то мақола,  аз ҷумла 7 - тои онҳо дар матбуоти даврии тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар конференсияҳои байналмилаллӣ дар Федератсияи Россия, 4 мақола дар конференсияи байналмиллалӣ дар шаҳри Тошкент ва 11 мақола дар конфренсияҳои ҷумҳуриявӣ пурра муҳтавои диссертатсияро дар бар мегирад.

Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия. Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия ва авторефирати он мувофиқи талаботи “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм” таҳия шуда, мазмуни асосии диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Забони баён илмӣ, равон ва дақиқ буда, истилоҳоти касбӣ то андозае дуруст истифода шудаанд. Хулосаҳо мантиқан асоснок буда, аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеоянд.

Дар баробари бартариятҳои муҳимми зикршуда, рисола ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки онҳоро чунин номбар намудан мумкин аст:

1. Сифати кор боз ҳам беҳтар мешуд, агар муаллиф китоби амалкунандаи "Суруд ва мусиқӣ" барои синфи 5 (Азизӣ Ф., Худойбердиев С., Алиев А., Сатторов С., Суруд ва мусиқӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 5. – Душанбе, Маориф, 2022, – 112 саҳ.)-ро низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медод. Зеро дар он таҷассуми фарҳанг ва худшиносии миллӣ тавассути жанрҳои гуногуни санъат бо суруду мусиқӣ ва адабиёт пайванд гардида, аз лиҳози муносибати босалоҳият назария ва амалияро ҳамгиро менамояд ва дар хонандагон эҳсоси ватандӯстӣ ва зебопарастиро рушд медиҳад.

2. Хуб мешуд, агар муаллиф ба мавқеи стандарти фан, барномаи таълимии суруд ва мусиқӣ барои синфҳои 1-6 низ дар ин пойгоҳ васеътар шарҳ пешниҳод мекард.

3. Натиҷаи таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки андешаи падару модарон барои ҳамкорӣ бо муассисаи таълимӣ дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон ба таври муфассал оварда нашудааст.

4. Дар диссертатсия ва автореферат баъзе мавридҳо мафҳумҳои назариявӣ ба забони тоҷикӣ дуруст ва ба мавқеъ истифода нашудаанд, масалан: "сурудхонӣ" - сурудан ё иҷрои суруд, "импровизатсия" - бадоҳатан иҷро кардан, "асбобҳо" – созҳо, "потенсиал" - нерӯ, "вариант" -гуна, "мусиқӣ-эстетикӣ" – мусиқиву зебопарастӣ ва монанди ин.

5. Дар матни автореферат ва диссертатсия баъзе номувофиқатӣ дида мешавад. Пеш аз ҳама, дар рӯйхати адабиёт номувофиқатӣ бо рақамҳои гузошта дида мешавад, ки ислоҳи онро зарур мешуморем. Масалан, дар саҳифаи 8-и рисола чунин омадааст: "*... Д. Раҷабзода [94] омодасозии хонандагонро ба ҳаёти оилавӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар рисолаи А. Алиев [131] ...*", аммо дар рӯйхати адабиёт шумора чунин аст: "... Д. Раҷабзода [131] омодасозии хонандагонро ба ҳаёти оилавӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар рисолаи А. Алиев [94] ..." . Инчунин, дар автореферат ба забони русӣ, дар қисмати "Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия" баъди рақамгузорӣ ҳарфи А бояд ишора карда шавад. Масалан, [1-А], [2-А] ... [9-А] ва ғайра.

Бо вуҷуди ин, ин эзоҳҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии корро коҳиш намедиҳанд.

**Хулосаи умумӣ**

Диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин аз ҷиҳати мазмун, сохтор, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳо ба талаботи

мукаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф нишон додааст, ки дорои сатҳи зарурии омодагии илмӣ-таҳқиқотӣ буда, сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010600 – Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 – Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои педагогӣ,
сармутахассис оид ба таҳсилоти лоиҳаи
"Муҳити таълим-асоси таҳсилоти
босифат", дар назди Вазорати маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Алиев Асрор
Бахридинович

Сана: «15» 01 с. 2026

734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Нисор Муҳаммад 13а. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи "Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат".
Телефон: (+992) 918 82 85 41

Имзои Алиев А.Б-ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саъдуллозода
Шамсиддин